**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҷабзода Афзал Мирзо дар мазуи «Омузиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил», ки бари дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060732 – физиология пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқӣи диссертатсионӣ коркард ва ба таври илмӣ асоснок намудани ҳолатҳои шиддатнокии равонӣ ва эҳсосӣ фаъолияти асаб ва типҳои он, паҳлуҳои назариявӣ ва амалии онҳо ҳангоми таълим додану тарбия намудан аз ҳар ҷихат масъалаи басо муҳим маҳсуб меёбад. Чунин талаботи ҷиддӣ ба рушду инкишофи арзишҳои ахлоқӣ ва рушди ҷаҳони маънавии хонандагон мусоидат намуда, заминагузор ва боис ба ҳаматарафа васеъ гардидани фитрати хонандагон мегардад.

Диссертант аввалин маротиба ба таври қиёсӣ ва якҷоя оид ба фаъолияти хонандагон дар шароитҳои гуногун омӯхта шудааст. Қобилиятнокии махсус вобаста аз характери раванди имтиҳон муайян ва таъсири баъзе омилҳо ба шиддатнокии фаъолияти хонандагон омӯхта шудааст.

Коркарди усули муосир оид ба баҳодиҳӣ ва пешгӯии дараҷаи шиддатнокии функсионалии хонандагон вобаста аз шакли имтиҳон ва синну сол, шароитҳои гуногун ва таъсири ин омилҳо ба ҳолати функсионалии организми хонандагон аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки дар шароити меъёрии таълим дар хонандагои муассисаҳои типи нав назар ба муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дараҷаи донишазбаркунӣ баланд буда, шиддатнокии эҳсосӣ дар онҳо нисбатан аён мушоҳида карда мешавад.

Раҷабзода Афзал Мирзо соли 2009 бафакултети химия,биология ва геграфияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2013 онро бо дипломи аъло бо ихтисоси биология ва экология хатм

намудааст.Аз соли 2019 то 2020 магистратураи Академияи милии илмҳои Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз соли 2021то 2024 докторанти (PhD)-аз руи ихтисоси биология-физиология. Аз соли 2023 то ҳол ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он дар донишгоҳи мазкур фаъолият мекунад.

Кори диссертатсионии Раҷабзода Афзал Мирзо аз муқаддима ва 6 боб, 10 зербоб,тавсифи маводҳо ва усули таҳқиқотӣ,хулоса,тавсияҳои амалӣ ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кор муаллифи диссертатсия кушиш намудааст,ки мубрамияти рисолаи номзадии худро ҳамаҷониба асоснок намуда вазифаҳои дар пешистодаро муайян кардааст .Қайд намудааст,ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қиёсӣ дараҷаи донишандӯзии хонандагони муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, омӯзиши ин раванд яке аз масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Дар боби якум “Тағйироти мутобиқшавӣ ва барқароркунии ҳолати функсионалии организми хонандагон дар раванди таълим” дар доираи чор зербоб,дар бораи саломатии инсон худ нигоҳдорӣ,худтанзимкунии пурраи организм нигоҳ доштани ҳолати меъёриион Муайянкунии шиддатнокии эҳсосӣ.Таъсири стресси мтиҳони ба организми хонандагон. Ақидаи олимони гуногун дар ин раванд, сабабҳои пайдошавии вай,пешгири шиддатнокии эҳсосӣ иштироки системаҳои гуногуни бадан дарин раванд ба таври васеъ таҳлил карда шудааст

Дар боби дуввум “Мавод ва усулҳои таҳқиқот оиди истифодабарии усулҳои классикӣ ва усулҳои муосир истифодаи асбобҳои гуногун ҳолат хонандагон муайян карда шудааст.Аз он ҷумла баҳодиҳии изтироб,истифодаи усулҳои физиологӣ, антропометри ва ғайраҳо.

Дар боби сеюм натиҷаи таҳқиқотҳо аз панҷ зербоб иборат буда масъалаҳои гуногунро оиди нишондиҳандаҳои вегетативӣ вобаста аз шакли таълим.

Хусусиятҳои фаъолияти мутобикшавӣ ва мутобиқсозии хонандагон,ба таври қиёсӣ омузиши мутобикшавии психофизиологии хонандагон ба системаҳои гуногуни таҳсил.таъсири раванди таълим ба нишондиҳандаҳои изтироби реактивӣ маълумотҳои хеле саҳеҳ оварда шудаанд.

Дар боби чорум маълумотҳо оиди тағйирёбии шиддатнокии функсионалии организми хонандагон ҳангоми супоридани имтиҳонҳо ба таври тестӣ ва динамикаи фаъолияти системаи дилу рагоҳо таӯйиёбии онҳо ҳангоми супоридани имтиҳонҳо.Таӯйирёбииинабзи хонандагон оварда шудааст.

Дар боби панҷум натиҷаи таҳқиқотҳо оиди таъсири стресси имтиҳонӣ ба ҳолати вазифавии организми хонандагон.Динамикаи дараҷаи изтироб,нишондиҳандаҳои системаи дилу рагҳо дар хонандагон ҳангоми имтиҳонсупорӣ, динамикаи индекси Руфе оварда шудаанд.

Дар боби шашум “баррасии натиҷаҳои ба дастовардашуда” ба ҳисоб рафта, дар он муҳокимаи натиҷаҳо ва муқоисаи онҳо бо корҳои илмии пешгузаронида шудаи олимони дигар ҷой дода шудаанд. Дар хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқотҳои илмӣ ҷамъбаст карда шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асонок карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсиҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Хулоса диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омузиши шиддатнокии психоэмотсионали ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат он( қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсио назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли

2021, №3) ҷавобгӯ буда,ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор азруйи ихтисоси 6D060732.- физиология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ;
доктори илмҳои биологӣ, профессор /________/ Устоев М.Б
734025 г. Душанбе
кучаи Ғ.Мирзо д.12. кв.55.
*Телефон: 93-517-22-32.*
*E-mail: ustoev1954 @mail.ru*

Имзи прфессор Устоев М.Б-ро ________________________________

Тасдиқ мекунам: ________________________________

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

ДМТ____________________________ Шодихонзода Э.Ш.

734025 ш. Душанбе
Хиёбони Рӯдакӣ 17.
*Телефон: 221-78-11*
*E-mail: tnu @mail.ru*

«_10_» ___02___2026